# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
30-юми декабри соли 2025, №106

Барои сазовор донистани Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар таърихи 17-уми октябри соли 2025, суратмаҷлиси №101 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, № 16/шд., (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024 №224/шд), ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб 22-юми октябри соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11-уми ноябри соли 2017, №385-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабулшуда, онро соли 2021 хатм намудааст. Ҳоло ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идоракунии давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 03-юми марти соли 2025, №17 довталаби дараҷаи илмӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқукшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷрошуда, дар ҷаласаи кафедраи мазкур (суратмаҷлис аз 28-уми марти соли 2025, №08) баъди якчанд муҳокимаҳо, ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилплии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Қодиров Шодмон Қодирович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе.).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби муқарриз Раупова М. Т. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омодашуда, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ - назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи зикршуда Олимзода Д. А. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти ҳамин кафедра Мирзоев П. И., имзошуда, аз ҷониби Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д. Ҷ., санаи 28 ноябри соли 2025 тасдиқшуда, эътироф карда мешавад, ки диссертатсияи зикршуда ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 5-уми июли соли 2023, №295 ) тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Диссертатсия аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи «Шартномаи хариду фурӯши чакана:масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мустақилона эҷодшуда, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ дорад. Сатҳи навгонии диссертатсия, инъикоси объективонаи шароити Тоҷикистон, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро инъикос менамоянд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ва мазмуни он 15 мақолаи илмӣ чоп кардааст, ки аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти ҶТ чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2,6 ҷ.ч. мебошанд.

Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз руйи мавзуи диссертатсия чунин аст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Азимов, Х.Р. Договор розничный купли-продажи как гражданско-правовое средство охраны прав потребителей [Текст] / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – 2019. – №2 (26). – С. 173-182; ISSN 2307-5198.

2. Азимов, Х.Р. Виды договор розничный купли-продажи [Текст] / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – 2019. – №3 (27). – С. 116-119; ISSN 2307-5198.

3. Азимов, Ҳ.Р. Баъзе масъалаҳо оид ба танзими ҳуқуқии тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Қ. 1. – 2020. – №10. – С. 181-187; ISSN 2413-5151.

4. Азимов, Ҳ.Р. Ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда барои вайрон кардани шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (27). – С. 116-119; ISSN 2307-51984.

5. Ғаюрзода, Ш.К., Азимзода, Ҳ.Р. Баъзе масъалаҳои унсурҳои асосии шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ш.К. Ғаюрзода, Ҳ.Р. Азимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2025. – №1 (49). – С. 149-164; ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

6. Азимов, Х.Р. Пониятие и особенности договор розничной купли продажи [Текст] / Х.Р. Азимов // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С. 163-174.

7. Азимов, Ҳ.Р. Истеъмолкунандагон ҳамчун субъекти шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Қонунгузорӣ. – 2016. – №3 (23). – С. 55-59.

8. Азимов, Ҳ.Р. Конститутсия ва масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҶТ [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи илмии вилоятии олимон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Ҷавонон ва рушди илми муосир», бахшида ба соли 2016, «Соли рушди нерӯи зеҳнӣ». – Қӯрғонтеппа, 2016. – С. 278-279.

9. Азимов, Ҳ.Р. Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конф. байн. илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» / Зери таҳрири

н.и.ҳ., дотс. Раҳмон Д.С. ва н.и.ҳ., дотс. Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2018. – С. 61-66.

10. Азимов, Ҳ.Р. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илми-назариявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» (ДДҚ, 24 феврали соли 2018). – Бохтар, 2018. – С. 224-230.

11. Азимов, Ҳ.Р. Ҷуброни зарари маънавӣ дар шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (8 июни соли 2019) / Зери таҳрири д.и.ҳ., проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 214-219.

12. Азимов, Ҳ.Р. Шаклҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Бохтар, 2019. – №3/4 (70). – С. 41-45; ISSN 2663-6506.

13. Азимов, Ҳ.Р. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба иттилооти зарурӣ ва боэътимод доир ба мол дар шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ»: маводҳои конфронси байналмилалӣ (ДДТТ, 25-26 апрели 2023) / Зери назари д.и.техн. Х.Х. Назарзода, д.и.иқт. Ф.Р. Шаропов, д.и.ҳуқ. Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2023. – 214 с. – С. 191-195.

14. Азимов, Ҳ.Р. Асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Международный научно-практический журнал. ENDLESS LIGHT in SCIENCE. − Алматы, Казахстан, 25 июня 2023 г. − С. 347-349; ISSN 2709-1201.

15. Азимов, Ҳ.Р. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи рушди қонунгузории шартномаи хариду фурӯши чакана [Матн] / Ҳ.Р. Азимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» (1-2 ноябри соли 2024, ш. Бохтар) / Зери назари д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. ва н.и.ҳ., дотсент Сафарбекзода Ҳ.С. – Бохтар: «ДДБ», 2024. – 536 с. – С. 114-122.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо таҳияшуда ва ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**Рофиева Азиза Ҳамдамовна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Бобозода Ҷамрод Қурбон** – мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон** – сардори Раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Собирзода Исфандиёр Салом** – ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта ҷой доранд.

Мисол: Муаллиф дар банди 3 навгонии ба ҳимоя пешниҳодшаванда (саҳ.14) нопурра будани таснифи шартномаи хариду фурӯши чаканаро ишора намудааст. Ба муаллиф лозим меояд, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия, баробари фактҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана тариқи муомилоти электронӣ ё тиҷоратӣ - электронӣ масъалаҳои рушди қонунгузории амалкунандаро таҳлил ва кушода диҳад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 5-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин шудаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва асарҳои илмӣ – таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни диссертатсияи анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Заминаҳои ҳуқуқию амалии таҳқиқоти мазкур** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, амалияи судӣ, таҳлили ҳуқуқтатбиққунӣ, маълумотҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва маълумотҳои оморӣ мебошанд. Илова

бар он, маводҳои бойгонии баъзе судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва таҷрибаи мақомотҳои давлатӣ дар ин соҳа истифода шудаанд.

**Таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар се марҳила иҷро шудааст:** муайян намудани мафҳум, хусусият ва асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаи хариду фурӯши чакана; аниқ муайян намудани тарафҳо, мавзуъ, мазмун ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана; муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ҳангоми иҷро накардани уҳдадории худ дар назди харидор, баррасии хусусиятҳо ва масъалаҳои дигари танзими ҳуқуқӣ.

Дар доираи ин таҳқиқот масоили ҷуброни зиён ва товони зарари маънавии фурӯшанда ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана ва масоили ҳуқуқи шартномаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ**:

– **бори аввал** баъди соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал гардидани Кодекси мадании кишвар мафҳум ва аломатҳои хосси шартномаи хариду фурӯши чакана кушода шуд;

– **муайян гардид**, ки шартномаи хариду фурӯши чакана, чи тавре ки аз номаш бармеояд, аҳди истеъмолии рузмарра буда, арзиши иқтисодии он калон нест ва ин шартнома дутарафа, музднок, консенсуалӣ ва оммавӣ буда, ба сифати объекти он танҳо ашёҳои истеъмолӣ баромад мекунанд;

– **дар ин таҳқиқот** истилоҳҳои «мавзуи шартнома» ва «объекти шартнома» ҳаммаъно мебошанд, гарчанде ин масъала дар назарияи ҳуқуқи маданӣ баҳснок мебошанд (Суханов Е. А., Тағойназаров Ш. Т., Ғаюрзода Ш. К ва дигарон.);

– **исбот карда мешавад**, ки истеъмолкунанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана танҳо инсон ва ё шахси воқеӣ буда наметавонад. Манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ, ки ашёҳои истеъмолиро харидорӣ мекунанд, тақозо мекунад, ки онҳо низ вазъи ҳуқуқии истеъмолкунанда дошта бошанд;

– **таҳлили қонунгузории ҷумҳурӣ** нишон дод, ки барои такмили шартномаи хариду фурӯши чакана тавассути воситаҳои худкор (агрегатори фурӯши чакана) ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои истеъмолкунандагони бевиҷдон қоидаҳои махсус таҳия ва қабул карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои зикршуда барои рушди минбаъдаи ҳуқуқи маданӣ ва танзими шартномаи хариду фурӯши чакана аҳаммияти донишафзунӣ доранд. Пайдоиш ва инкишофи шартномаи хариду фурӯши чакана дар қонунгузории маданӣ марҳилаи нав буда, дар рушди соҳибкорӣ таъсир расонида ва шароит фароҳам

овард, ки низоми хариду фурӯши чаканаи ашё такмил дода шавад. Ин бошад чораи муҳим дар самти таъмини истеъмолкунандагон бо ашёи босифат гардид.

**Натиҷаҳои илмии ҳосилшуда** аз таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омада, ошкоршавии камбудиҳои қонунгузорӣ, мухолифати баъзе меъёрҳои он ва холигӣ дар таҳлили назариявии шартномаи хариду фурӯши чакана ва танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омада, барои бартараф намудани камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии ин шартнома ва рушди ҳуқуқи маданӣ равона шудааст.

Диссертатсия барои омода кардани воситаҳои нави таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, барои такмил додани барномаҳои таълимӣ ва таҳияи китобҳои насли нав аз фанҳои таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи шартномавӣ» ва «Ҳуқуқи уҳдадорӣ» замина мегузоранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба таҳлили воқеъбинона ва хосси бозори истеъмолии ҷумҳурӣ, амалияи судӣ оид ба ҳалли баҳсҳои молумулкии аз шартномаи хариду фурӯши чакана ба вуҷудомада асосёфта, барои беҳдошти ҳаёти аҳолии кишвар ва волоияти ҳуқуқи инсон равона шудааст.

**Таҳлилҳои гузаронидашуда** аз рӯйи диссертатсия нишон медиҳанд, ки номи мавзуи диссертатсия ва мазмуни он пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат доранд.

**Ошкор гардид,** ки довталаб ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки довталаб аз соли 2014 то инҷониб ба таҳқиқи мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана машғул буда, дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст. Аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Довталаб дониши хуби амалӣ дошта, бори аввал таносуби ҳуқуқи моддӣ ва ҳуқуқи мурофиавиро дар ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандаро кушода, исбот кардааст, ки истифодаи истилоҳи «мол» дар муайян намудани мавзуи шартномаи хариду фурӯши чакана воқеӣ набуда, самаранокии танзими давлатии муомилоти ашёҳои истеъмолиро пурра таъмин карда наметавонад.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2025 қарор қабул кардашуд, ки ба Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024, №224/шд) тасдиқ гардидааст 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Аз 15 нафар аъзои Шуро 14 нафар ба таври ҳузурӣ ва 1 нафар ба таври маҷозӣ иштирок карданд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У. А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент ________ Қодиров Н. А.

«30» 12 соли 2025.